O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI

OLIY TA’LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

# FarDU. ILMIY XABARLAR-

1995-yildan nashr etiladi
Yilda 6 marta chiqadi

3-2023

# НАУЧНЫЙ ВЕСТНИК. ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

**H.Isakov, Sh.O.Toraxanov, I.R.Askarov**
Anorning meva po‘sti tarkibidagi vitaminlar miqdorini YSSXda aniqlash va ularni taqqoslash ........ 353
**M.B.Radjabova**
Mustaqillik yillarida turar-joy muammolari va xususiylashtirish jarayonlari ........ 357
**U.Q.Muminova**
“Mahbub UL-Qulub” dagi turkiy so‘zlarning hozirgi o‘zbek adabiy tiliga munosabati ........ 360
**D.Z.Mukumova**
Shayx Kamol Xo‘jandiy G‘azallaridan Ismat Buxoroiyning ta’sirlanishi ........ 365
**D.L.Homitov**
Klassik fors va hozirgi tojik tillaridagi qisqa unlilarning fonologik qiyosiy tahlili ........ 369
**H.X.Eshova**
Milliy ma’naviyatning tahdidlar obyektiga aylanishining sabablari ........ 376
**D.I.Umirzakova**
Bo‘lajak xorijiy til o‘qituvchilarining tolerantlik tafakkurini “Soft skills” asosida rivojlantirish modeli ........ 379
**M.A.Mirzaraximov**
Ta’lim tizimida sun’iy intellekt asosida ishlovchi chatbotlardan foydalanish ........ 385
**S.T.Xakimov**
Turli yoshdagi voleybolchilarning jismoniy tayyorgarlik va jismoniy rivojlanish darajasi xususiyatlari ........ 389
**M.M.Mamatkodirov**
Umumiy o‘rta ta’lim maktablarida darsdan tashqari ishlarni tashkillashtirishlarida axborot texnologiyalarni o‘rni (tabiiy fanlarni o‘qitish misolida) ........ 394
**B.M.Mo‘llayev**
Bo‘lajak o‘qituvchilarni innovatsion pedagogik texnologiyalarni loyihalashga tayyorlash usullari ........ 398

UDK: 821.411.4;891.54;82-3 DOI: 10.56292/SJFSU/vol29_iss3/a205

# SHAYX KAMOL XO'JANDIY G'AZALLARIDAN ISMAT BUXOROIYNING TA'SIRLANISHI

# ТАЪСИРИПАЗИРИИ ИСМАТИ БУХОРОӢ АЗ ҒАЗАЛҲОИ ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

# ВЛИЯНИЕ ИСМАТА БУХАРИ ИЗ ГАЗЕЛЕЙ ШЕЙХА КАМАЛА ХУДЖАНДИ

# THE INFLUENCE OF ISMAT BUKHARI FROM THE GAZELS OF SHEIKH KAMALA KHUJANDI

**Mukumova Dilafruz Ziyodullaevna**[1]

[1]**Mukumova Dilafruz Ziyodullaevna** – муаллимаи калони кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз (PhD)

***Annotatsiya***

*Mavlono Xo'ja Faxruddin Ismatulloh ibn Mas'ud Buxoriy XIV asr oxiri - XV asrning buyuk olim va shoiri hisoblanadi. Ushbu klassik shoirga ma'lumot ko'plab o'rta asr she'rlarida uchraydi. Ushbu maqolqda biz taniqli faylasuf va shoir shayx Kamoli Xujandiyning she'riy to'plamlarini ko'rib chiqishga harakat qildik. Ko'rib chiqish jarayonida Ismoil Buxoroning oddiy g'azal shakllari ham, qofiyasi va ishlatilishidan ham, Kamol Xo'jandiyning she'riyatning muayyan tasviridan foyda ko'rgani aniqlandi.*

***Аннотатсия***

*Мавлоно Хоҷа Фахруддин Исматулло ибни Масъуди Бухорӣ аз донишманд ва шоири барҷастаи охири садаи XIV ва ибтидои садаи - XV маҳсуб мешавад. Зикри неки ин суханвари классик дар аксари ашъори асримиёнагӣ дида мешавад. Мо дар ин очерк кушиш кардем, ки ба маҷмуахои ашъори ӯ ва шоири маъруф Шайх Камоли Хучандӣ назар андозем. Дар рафти ин барраси муайян гардид, ки Исмати Бухороӣ ҳам аз шаклҳои маъмулии ғазал ва ҳам аз рубоиёт ва корбурди он ва ҳам аз тарзу усулхои ифоданок ва баёни корбурди образи муайяни ашъори Камоли Хучандӣ бахра гирифтааст.*

***Abstract***

*Мавлана Ходжа Фахруддин Исматулла ибн Масуд Бухари считается выдающимся ученым и поэтом конца XIV и начала XV веков. Благородное упоминание об этом классическом ораторе встречается в большинстве средневековых стихов. В этом эссе мы постарались взглянуть на его поэтические сборники от известного философа и поэта шейха Камоли Худжанди. В ходе этого обзора было установлено, что Исмаил Бухара извлекал выгоду как из обычных газельных форм, так и из его рифмы и использования, а также из выразительных и выразительных способов использования определенного изображения стихотворения из Камоль Худжанди.*

***Abstract***

*Mawlana Khoja Fahruddin Ismatullah ibn Masoud Bukhari is considered an outstanding scientist and poet of the late XIV and early XV centuries. A noble reference to this classic speaker is found in most medieval poems. In this essay we tried to look at his poetic collections from the famous philosopher and poet Sheikh Kamoli Khujandi. In the course of this review, it was found that Ismail Bukhara benefited both from ordinary gazel forms and from its rhyme and use, as well as from expressive and expressive ways of using a particular image of a poem from Kamol Khujandi.*

***Kalit so'zlar:*** *nazira,mammat, Kamol Xujandiy, Ismat Buxoroyi,Ulug'bek Go'rakoniy.*
***Ключевые слова:*** *назира, таммат, Камоли Худжанди, Исмати Бухараи, Улугбек Горакон*
***Калидвожаҳо:*** *назира, таммат, Камоли Хуҷандӣ, Исмати Бухороӣ,Улуғбеки Гӯраконӣ*
***Key words:*** *nazira, tammat, Kamoli Khujandi, Ismati Bukharai, Ulughbek Ghorakon*

## САРСУХАН

Мавлоно Хоҷа Фахруддин Исматуллоҳ ибни Масъуди Бухороӣ аз донишмандон ва шоирони намоёни охири асри XIV ва аввали асри XV ба шумор меравад. Зикри исми шарифаш дар сарчашмаҳои дасти аввал: [13, 333; 2, 2487; 11, 326; 8, 12; 6, 191; 9, 299, 7, 184; 4, 50; 4, 1028; 14, 286] далолат ба мартабаи баланд ва ҳунари волои шоирии ӯ мекунад. Насабаш ба Ҷаъфар ибни Абӯтолиб мерасад ва ниёгонаш дар Бухоро шуҳрату ҳурмате доштанду мавриди таваҷҷуҳи мулук ва умарои он диёр буданд [14, 286]. Аз рӯи маълумоти Давлатшоҳ маълум мешавад, ки Исмати Бухороӣ соҳиби фазлу дониши вофир ва дар шеваи шоирӣ – хоҳ қасидагӯӣ, хоҳ ба тарзи ғазалиёту маснавӣ ва муқаттаот моҳир будааст [13, 333]. Ӯ дар замони салтанати Султон Халил тарбияти куллӣ ёфта, шоҳзода нисбат ба ӯ

эҳтироме хос доштааст ва ҳатто илми шеърро аз ӯ таълим мегирифтааст. Вақте дар миёни ин ду ҷудой воқеъ мешавад, Хоҷа Исмат дар фироқи Султон Халил абёти зеринро сурудааст, ки аз меҳру алоқа ва унси онҳо далолат мекунад:

*Кош фармудӣ, ба шамшери ҷудоӣ куштанам,*
*То ба хорӣ дар чунин рӯзе надидӣ душманам.*
*Боғбон, гӯ, дар таҳи девори гулзорам бикуш,*
*Бе вуҷудаш гар кашад хотир ба сарву савсанам [13, 333]*

Исмати Бухорой баъди салтанати Ӯлуғбеки Гӯракон аз маддоҳӣ даст кашида, дар охир аз шоирӣ низ истиғфор намудааст. Аз муосирону муҳосибони шоир, ки пайваста дар маҷолиси шеърии ӯ ташриф меовардаанд, Мавлоно Бисотии Самарқандӣ, Мавлоно Хаёлии Бухорой, Мавлоно Барандақ, Хоҷа Рустами Хурёнӣ ва Тоҳири Абевардиро метавон ном бурд [13, 336].

Таърихи вафоти шоирро Давлатшоҳи Самарқандӣ 829/1426 навиштааст, ки минбаъд он дар навиштаҳои дигарон мукаррар шуда, вале муаллифи таърихномаи «Ҳабибу-с-сияр» дар ин маврид овардааст:

*Таърихи вафоти Хоҷа Исмат*
*Ҳар кас, ки шунид гуфт: Таммат [16, 550].*

Таммат дар ҳисоби абҷад баробар бо 840/1437-38 мебошад, ки ин санад дар тазкираи «Махзану-л-ғароиб» низ омадааст [14, 289].

## МЕТОДҲО ВА ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Аз таркиби девони шоир пайдост, ки ӯ дар сурудани анвои гуногуни шеърӣ, монанди қасида, ғазал, қитъа ва рубой дасти тавоно дошта, ҳатто маснавии ҳамосавии «Иброҳими Адҳам»-ро, ки 1100 байтро фарогир аст, эҷод кардааст. Чунонки маълум аст, дар эҷодиёти шоирони асри XV-и мелодӣ вижагии татаббуъсарой, ки аз равандҳои муҳимми адабӣ баъди асри мазкур ба ҳисоб меояд, ба расмият даромада буд ва аксари шоирони намоёни ин давра, албатта бо равиши хосси худ, ба ин ё он шоири муосир ё пешина татаббуъ кардаанд. Дар қатори шоирони таъсиргузор дар ин раванд метавон исми Шайх Камоли Хуҷандиро дар радифи Саъдиву Ҳофиз, Румиву Амир Хусрав ва дигарон ном бурд. Ҳатто ғалат намешавад, агар иддао бикунем, ки аксар шоирони асри мазкур дар сурудани ғазал бештар бар пояи таъсири сабки Хоҷа Камоли Хуҷандӣ эҷод кардаанд ва худи нуктаи он ки Камол шакли ғазалро якандоза ба танзим даровардаасту онро ҳудуди дилхоҳи онро дар ҳаҷми ҳафт байт муайян намудааст, далели дигари ин иддаост. Шоирони асри мазкур, ки Хоҷа Исмат ҳам аз он шумор берун нест, бо таъсирпазирӣ аз ҷиҳати корбурди авзон, қофияву радиф ва тарзи тасвиру образофаринӣ бар сабку шеваи Камол ғазал суруда, ғазалҳои Камолро дар қофияву авзон ва радифҳои ғарибаи ӯ айнан пайравӣ накарда бошанд ҳам, нуктаи нозукхаёлӣ ва таваҷҷуҳ ба назокати баён, ких оси шеъри ин суханвар аст, аз доираи забонии онҳо берун набудааст. Исмати Бухорой низ аз шумори ҳамин табори шоирон аст, ки муттасилона идомаи ёфтани ғазалҳои орифонаро дар забони бисёр пурсӯзи ошиқона дар эҷодиёти ӯ ба мушоҳида мегирем.

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Бо он ки Камоли Хуҷандӣ аз шоирони асосии мубаллиғи ин тарз ба шумор меравад, Хоҷа Исмат ба авзону қавофии маъмули шеъри Камол он қадар ҳам таваҷҷуҳ намекунад. Аммо зикри ин нукта, ки таҳти таъсири қолабҳои ғазалиёти Хоҷа Камол ғазал сурудани ӯ бисёр ба мушоҳида гирифта мешавад, низ баҷо хоҳад буд. Мисол:

**Камоли Хуҷандӣ:**
*Рӯзгорест, ки ҳечаш назаре бо мо нест*
*В-ин шаби фурқати моро саҳаре пайдо нест [15, 264].*

**Исмати Бухорой:**
*Шаб дароз асту зи хуршед асаре пайдо нест,*
*Ё шаби хастадилонро саҳаре пайдо нест [3, 280-281].*

Ҳаммонандии авзону қофияҳо, хоҳу нохоҳ ба масоили шабоҳат доштани тасвир ва забони шеър низ марбут мешавад ва бе он ки ба масоили мазкур дахл намоем, баррасии эҷодиёти шоирони мазкур ва таъсирпазирии яке аз дигаре дар бисёр ҷиҳатҳо норавшан хоҳад монд.

Шоистаи зикр аст, ки дар нигоштаҳои Исмати Бухороӣ, агарчи таъсири қолабҳои қофияву радиф ва вазнҳои Камоли Хуҷандӣ камтар ба мушоҳида мерасад, вале тарзи мазмунсозӣ, ба таносуб овардани калимоти маъмули шеър, ифодаи нозукбинонаи матлаб, равиши тасвирсозӣ ва образофариниҳои Камол дар бештари ашъори Исмат нақши муайяне дорад. Бояд таъкид шавад, ки яке аз муҳаққиқони эронӣ Муҳаммадмаҳдии Носеҳ зимни як мақолааш роҷеъ ба ашъори Хоҷа Камол овардааст: «Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ дар зиндагии ин ориф (манзур Хоҷа Камол – Д.М.) он аст, ки бо вуҷуди эҳтимом ба умури расмии тасаввуф ва хонақоҳнишинӣ, вай амалан аз он чӣ вобаста ба хонақоҳ ва хирқаву фарҳанги муридиву муродӣ мебошад, ба дур аст. Аз ин рӯй, ҳам ӯ аз мунтақидони мактаби «аҳли назар» ва «маърифат» ба шумор меояд» [10, 327]. Ба фикри мо ҳам, маҳз ин падида, яъне мунтақиди мактаби «аҳли назар» будани Камол ва доираи васеътаре аз талқини хонақоҳу гӯшанишинӣ кардани ашъори ӯ боиси гароидани иддае аз шуаро ба тарзи ӯ шудааст. Дар ин радиф, бозҷӯии мо аз ашъори Исмати Бухороӣ, ки таъсири вофире аз Хоҷа Камол дорад, нишон дод, ки ӯ низ аз пайравони ин тариқ буда, ба мушоҳида мерасад, ки истилоҳоти назми Камол бар андешаронии ӯ низ нуфуз кардааст. Чунончи:

**Камоли Хуҷандӣ:**

*Аз ман, эй аҳли назар, илми назар омӯзед,*
*Нозук аст он рух, аз ӯ чашму назар бардӯзед [15, 398].*

**Исмати Бухороӣ:**

*Назари поки маро саҳл мапиндор, ки ман*
*Рӯзгорест, ки пайвастаи аҳли назарам [3, 424].*

Албатта, аксар шоирони адабиёти классикӣ, сарфи назар аз макони муҳити зист, азбаски андешаҳояшон бештар аз сарчашмаи ягонаи афкор – ирфон об мехӯрад, метавонанд диди якгун дошта бошанд, вале фаротар аз ин, шабоҳати ҳунарии шоирони мазкур ҳам қобили эътиност. Барои он ки Исмати Бухороӣ дар аксар мавридҳо аз тарзи истифодаи образ (тимсоли шеърӣ дар назар аст. –Д.М.) низ ба ашъори Камоли Хуҷандӣ пойбанд будааст. Чунонки яке аз тимсолҳои машҳур ва серистифодаи шеъри Камол тимсоли «сарв» аст ва ҳамчунонки маъҳуд буда, Камол танҳо онро ба қомати маъшуқ ташбеҳ намекунад, балки «сарв» бо он баландиву зебоӣ, ки дошта, пеши қомати маъшуқи шоир шармандаву мунфаил аст. Чунин бардошт аз образи тасвир ва бозгӯии ин мазмун дар ашъори Исмати Бухороӣ низ ба касрати истифода ба назар мерасад. Мисол:

**Камоли Хуҷандӣ:**

*Гарчи сарви чаман аз об равоне дорад,*
*Натавон пеши қадат гуфт, ки ҷоне дорад [15, 578].*

**Исмати Бухороӣ:**

*Ниҳоли қоматат он дам, ки дар рафтор меояд,*
*Намеёбам зи худ майле ба сарви бӯстон кардан [3, 428].*

Дар ин радиф, метавон даҳҳо мисоли дигар аз ашъори шоирони мавриди қиёс овард, вале зикри ин нукта, ки Исмати Бухороӣ, ҳамчунон Камоли Хуҷандӣ ба тариқи суханварони бузурги пешин қадам ниҳода ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҳайси муқаллиди холис чеҳра нанамудааст, бисёр бамаврид хоҳад буд. Зеро мазомини ашъори пешиниён ва баҳрамандии ӯ аз тарзи суханварии онҳо ҳам ба равиши хоссе будааст, ки дар диди аввал аз назари хонанда ноаён мемонад. Вале тааммули бештар равшан месозад, ки шоири мавриди назар бештар ба равиши Камол сухансароӣ мекардааст. Барои исботи ин иддао метавон ба образи «саг» дар ашъори Исмат, ки аз тимсолҳои дӯстдоштаи Камол аст, руҷӯъ кунем. Ин тимсол, бешак, аз лиҳози мазмун, тарзи бакоргирӣ ва мавқеи истихдом аз андешаҳои Камол сарчашма мегирад:

**Камоли Хуҷандӣ:**

*Беш аст Камол аз ҳама з-он рӯз, ки худро*
*Дар мартаба камтар зи саги кӯи ту донист [15, 235].*

**Исмати Бухороӣ:**

*Гар тавонам бо саги кӯят ба ёрӣ зистан,*
*Беҳ ки умре бар сарири шаҳриёрӣ зистан [3, 432].*

Дар абёти боло, агарчи гирумони забонӣ ва мавқеияти корбурди тимсол аз ҳам фарқ дорад, аз лиҳози ҳамсӯӣ дар маъно қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дуруст аст, ки Исмати

Бухорой аз Шайх Камол бардошт мекардааст, вале ин бардошт мунҳасир ба тақлид нест ва аксар маворид Исматро ба бояд ба ҳайси шоире шинохт, ки чун Камол ва Ҳофиз ба бозофаринӣ кардани матолиби маъмул пардохтааст. Агар дар байти Камол шоир худро дар мартаба аз ҳама баланд танҳо ба хотири он ки маъшуқааш ӯро аз саги худ боло хондааст, дониста бошад, дар байти Исмат ин матлаб ба тарзи дигаргунатар ҷилва мекунад. Яъне, шоир менигорад, ки агар ба саги кӯйи ту ман битавонам ки ёрӣ бирасонам, беҳтар аз он бошад, ки дар сарири шаҳриёрӣ зиндагӣ намоям. Чунин судҷӯӣ дар кори тасвирсозӣ аз муҳимтарин шохисаҳоест, ки бардошти шоирро аз Камол нишон медиҳад. Дар дигар маврид мебинем, ки Исмати Бухорой аз лиҳози тасвир ба тасвирпардозиҳои нозукхаёлонаи Камоли Хуҷандӣ такя карда, яке аз тимсолҳои дӯстдоштаи ӯ, ки дар пеши рухи маҳбуб «оҷизӣ ва норасоии ҳусни моҳи осмонқ» аст, ки дар гузашта ба ҳайси мушаббаҳи рӯйи маъшуқа истихдом мешудааст, шоирона суд меҷӯяд:

**Камоли Хуҷандӣ:**

*Маҳро зи тоби ҳусни ту ҳар шаб қиёмат аст,*
*К-он сарвро чӣ шеваю рафтору қомат аст!? [15, 346].*

**Исмати Бухорой:**

*Эй бурда оразат зи маҳи осмон гарав,*
*Нахли қадат ситонда зи сарви равон гарав [3, 444].*

## ХУЛОСА

Ҳамин тариқ, ковишу бозҷӯии мо нишон медиҳад, ки Исмати Бухорой ҳамчун шоири ғазалсарои тавонои асри худ, бо он ки аз ҷиҳати қолабҳои маъмули ғазал ва қофиясозиву истифодаи радиф аз шеъри Камол камтар суд ҷустааст, аммо аз лиҳози мазмунофариву тарзи истифодаи образ ва тасвири мушаххаси ҳолат ё объекти тасвир бешак аз мубаллиғони тариқати шоирии Камоли Хуҷандӣ, ки бо забони соддаву малеҳ, вале пуразтаровати ширин иштиҳор дорад, будааст. Ба зери султаи тарзи ин суханвари соҳибсабк аксар шуарои қарни Исмати Бухорой, Хаёлии Бухорой, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон низ монда буданд ва ба ҳеҷ ваҷҳ Хоҷа Исматро аз он берун қаламдод карда наметавонем.

### ПАЙНАВИШТ


1. Айнӣ, Садруддин. Намунаи адабиёти тоҷик / Таҳия ва тасҳеҳи Мубашшир Акбарзод – Душанбе: Адиб, 2010. - 448 с.
2. Авҳадӣ, Тақиуддин Муҳаммад. Арафоту-л-ошиқин ва арасоту-л-орифин / Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Саййидмуҳсин Ноҷии Насрободӣ – Ҷ.4. – Теҳрон, 1388.
3. Бухорой, Исмат. Девон / Бо кӯшиши Аҳмади Карамӣ. – Теҳрон, 1366.
4. Лудӣ, Шералихон. Миръоту-л-хаёл / Ба эҳтимоми Ҳамид Ҳусайнӣ. – Теҳрон: Равзана, 1377. -370 с.
5. Мирзозода, Холиқ. Исмати Бухорой / Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Ҷ.1. – Душанбе, 1988.
6. Муншӣ, Аҳмад Ҳусайн. Тури маънӣ / Муқаддима ва тасҳеҳу таълиқоти Аҳмади Нуъмонӣ. – Деҳлии нав: Исфанд, 1385.
7. Муҳаддисзода, Ҳусайн. Асарофаринон. – Ҷ.4. – Теҳрон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ, 1328. - 345 с.
8. Навоӣ, Амир Низомуддин Алишер. Маҷолису-н-нафоис. – Теҳрон, 1363
9. Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ. Ҷ.1. – Теҳрон, 1344.
10. Носеҳ, Муҳаммадмаҳдӣ. Сибғаи ирфонӣ дар шеъри Камолиддини Хуҷандӣ / Муқаддимаи камолшиносӣ. Таҳияи Баҳром Раҳматов ва Иззатбек Шехимов. – Хуҷанд: Ношир, 2016.
11. Озар, Лутфалибек. Оташкада / Ба тасҳеҳи Мирҳошими Муҳаддис. – Теҳрон, 1378.
12. Орзу, Сироҷуддин Алихон. Маҷмаъу-н-нафоис / Ба кӯшиши Зебуннисои Алихон – Ҷ.2. – Покистон, 1425 ҳ.
13. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкирату-ш-шуаро / Таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд, 2015
14. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Ҷ.4. – Теҳрон: Рашидия, 1366.
15. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Таҳияи Абдуҷаббори Суруш. –Хуҷанд: Хуросон, 2015.
16. Хондамир, Муҳаммад Ғиёсиддин. Ҳабиб-ус-сияр / Гирдоварӣ, муқаддима ва изофоти Абдулҳусайни Навоӣ. – Теҳрон, 1379.
17. Ҳошимӣ, Шайх Аҳмад Алихон. Махзану-л-ғароиб / Бо эҳтимоми Муҳаммад Боқир. – Лоҳур, 1968.
18. Эте, Ҳермон. Таърихи адабиёти форсӣ: Аз силсилаи «Маҷмӯаи эроншиносӣ» / Зери назари Эҳсони Ёршотир / Тарҷума бо ҳавошии дуктур Ризозода Шафақ. – Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1337. - 362 с.